# Масъалаҳои калидии ташкили маблаггузории давлатии низоми маориф

12 августи соли 2022

# Сохтори умумии қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон



# Манбаъҳои асосии маблағгузории системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2022)



# Иштирокчиёни раванди буҷетӣ



# Марҳалаҳои банақшагирии буҷетӣ



# Тақсимкунандагони Маблағҳои Буҷетӣ

**Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ**:

- истифодабарии самарабахш, таъсирнок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои барои гирандагони маблағҳои буҷетии тобеи худ пешбинигардидаро таъмин менамояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети заминавии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетиро таҳия менамояд ва банақшагирии хароҷоти буҷети дахлдорро амалӣ менамояд;
- иҷрои буҷети сохтори тобеи худ ва гирандагони маблағҳои буҷетиро ташкил менамояд, инчунин ҳисоботи буҷетии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетиро ташаккул медиҳад;
- назорати молиявии дохилиро дар соҳаи фаъолияти худ, инчунин дар соҳаи фаъолияти тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетии тобеи худ ташкил ва амалӣ менамояд.

**Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши муайяни соҳаи буҷет масъул мебошад, ҳамчунин ӯҳдадориҳои зеринро амалӣ менамояд**:

- бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол стратегияи миёнамӯҳлати хароҷоти буҷетии бахшҳои дахлдорро таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- дар бораи самтҳои афзалиятноки хароҷоти буҷетӣ дар бахши дахлдор пешниҳод манзур менамояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти молияи давлатӣ буҷети заминавии бахшро таҳия намуда, банақшагирии хароҷоти дахлдори буҷетро амалӣ менамояд, инчунин банақшагирии хароҷоти сармоягузориро дар бахшҳо таъмин менамояд.

# АФЗАЛИЯТҲОИ БУҶЕТӢ

Барои муайян кардани афзалиятҳои буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як вазорат афзалиятҳои асосии буҷетиро барои давраи миёнамӯҳлат муайян намуда, дар шакли дархост ба расмият медарорад.

Ин дархостҳо бояд бо афзалиятҳои миллии асосие, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии тасдиқнамудаи Ҳукумати ҶТ, аз ҷумла дар: Стратегияи миллии рушд (СМР); Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ (ва дигар стратегияҳои асосии тасдиқшудаи соҳавӣ муайян карда шудаанд, мувофиқат кунанд.

Дархостҳо нисбати афзалиятҳои буҷетӣ набояд аз 25% ҳаҷми буҷети соҳавӣ барои соли ҷорӣ (дар асоси гурӯҳбандии функсионалии хароҷоти давлатӣ) зиёд бошад.

| **Номи афзалият** (*барои ҳар кадоме аз се афзалият пур карда мешавад*) | |
|---|---|
| | Мақсади ташаббуси афзалиятноки нав (тавсиф ва асоснокии он нишон дода шавад) |
| | Нишондиҳандаи мақсаднок дар таносуби миқдорӣ (яъне андозагирии нишондиҳандаи мақсаднок дар ифодаи миқдорӣ) |
| | Тавсифи муфассали ташаббуси афзалиятнок (тавсифи аниқи ташаббуси пешниҳодшаванда бо нишон додани намудҳои фаъолияте, ки барои маблағгузорӣ пешниҳод карда мешаванд, агар ташаббуси афзалиятноки навро Ҳукумати ҶТ ба сифати афзалияти буҷетӣ маъқул дониста бошад) зарур аст. |
| | Истинод ба СМР / СПК/ Паёми Президенти ҶТ (ба боб/фасли мушаххас). Истиноди аник ба Стратегияи миллии рушд, Нақшаи миллии рушд, Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ (аз ҷумла, номи стратегияҳо, моддаҳо/саҳифаҳои ҳуҷҷати стратегие, ки ташаббус ба он дахл дорад). Ба онҳо инчунин иқтибосҳо аз ҳуҷҷатҳое, ки аҳамияти стратегӣ доранд, дохил мешаванд. |
| | Истинод ба стратегияи соҳавӣ (ба боб/фасли мушаххас) (истиноди аник ба стратегияи мавҷудаи соҳавӣ, мода/саҳифаҳои ҳуҷҷати стратегие, ки ташаббуси нави пешниҳодшаванда ба он дахл дорад) |
| | Сатҳи маблағгузории ҷорӣ (агар истифода шавад) |
| | Баҳодиҳии пешакӣ ба арзиш (сатҳи маблағгузорие, ки дар 3 соли минбаъда талаб карда мешавад), инчунин дар сурати мавҷуд будани манбаи беруней (байналмилалӣ ва/ё дохилӣ) маблағгузории ин ташаббус нишон дода шавад. |

*Шакли дархост*

# Тақсими хароҷотҳо барои маориф дар байни буҷетҳои маҳаллии сатҳҳои гуногун

| Соҳа | Макомоти марказӣ (сатхи вазорат) | Мақомоти маҳаллии идоракунӣ |
|---|---|---|
| **Маориф** | • Муассисаҳои ибтидоии касбӣ<br>• Мактабҳои олӣ;<br>• Маркази такмили ихтисоси кормандони педагогии назди Вазорати маорифи ҷумҳурӣ;<br>• Марказҳои такмили ихтисоси назди вазоратҳои соҳавии ҷумҳурӣ<br>• Муассисаҳои илмию тадқиқотӣ | • Муассисаҳои томактабӣ;<br>• Мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ;<br>• Мактаб-интернатҳои махсус;<br>• Марказҳои эҷодиёти кӯдакон<br>• Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус; |

Бо мақсади амалӣ гардонидани талаботи моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» ва татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, таҳти №505 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» аз 1 январи соли 2008 сар карда, давра ба давра дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба низоми маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронида шудааст.

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# Афзоиши фонди музди меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар солҳои 2014-2020




ДУШАНБЕ 2022

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# МАБЛАҒГУЗОРИИ МТМУ АЗ РӮИ МОДАҲОИ ХАРОҶОТӢ ДАР СОЛИ 2021




ДУШАНБЕ 2022

# Афзалиятҳо

- Музди меҳнат бо назардошти 25%
- Хизматрасониҳои коммуналӣ
- Иҷрои барномаҳои давлатӣ
- Харидории китобҳо ва барномаҳои омӯзишӣ
- Такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар хароҷотҳо

# ТАШАККУР БА ДИҚҚАТАТОН!